**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович дар мавзӯи «Танзими шартномавии таъмини барқ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Мавзӯи диссертатсияи Мирзоев С.А. ба яке аз масъалаҳои рӯзмарраи илми ҳуқуқи гражданӣ - танзими шартномавии таъмини барқ бахшида шудааст. Энергия (нерӯ) аз ҷумла нерӯи барқ ва истифодаи он дар ҷомеаи имрӯза яке аз унсурҳои муҳими ҳаёт ба ҳисоб меравад, зеро ҳаёти инсон бе он душвор аст. Барои ҳар давлати муосир аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон энергетика соҳаи муҳими иқтисодиёт маҳсуб мешавад. Яке аз мақсадҳои стратегии кишвар маҳз таъмини истиқлолияти энергетикӣ мебошад, ки бе таъмини асосҳои ҳуқуқӣ амалӣ шудани чунин мақсад душвор аст. Танзими шартномавӣ талаботи иқтисоди бозорӣ буда, дар соҳаи энергетика нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ бо назардошти расидан ба ҳадафи стратегӣ - таъмини истиқлолияти энергетикӣ таваҷҷӯҳи махсуси давлат ва ҳукумат ба рушди соҳаи энергетика равона гардидааст. Бо вуҷуди таҳқиқотҳои дар бахши танзими шартномавии таъмини барқ анҷомдодашуда, паҳлуҳои гуногуни ин масъала то кунун ҳалли илман асосноки худро наёфтаанд. Мубрамияти масъалаҳои номбаршуда ва зарурати ҳалли камбудию норасоиҳо вобаста ба танзими шартномавии таъмини барқ дар сатҳи кори илмии мазкур баён гаштааст.

Муаллиф дар робита бо мубрамияти мавзӯи зикршуда мақсади таҳқиқоти илмии худро ба таҳлили қонунгузории ҷории ҶТ, ақида ва нуқтаҳои назар оид ба мафҳум, моҳияти ҳуқуқӣ, тарафҳо ва мазмуни шартномаи таъмини барқ, ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ барои вайрон намудани шартҳои он ва дар ин асос коркард ва манзур намудани тавсияю таклифҳо баҳри боз ҳам мукаммалтар намудани механизми

танзими шартномавии муносибатҳои бахши таъминкунӣ бо нерӯи барқ бахшидааст.

Объекти таҳқиқоти диссертатсияро муносибатҳои ҷамъиятии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, ки дар соҳаи таъминкунӣ бо нерӯи барқ ба вуҷуд меоянд.

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ақидаю афкори назариявӣ оид ба механизми ҳуқуқии танзими муносибатҳо дар бахши таъминкунӣ бо нерӯи барқ, қонунгузории қаблӣ ва амалкунандаи ҶТ оид ба таъминкунӣ бо нерӯи барқ, амалияи татбиқи шартномаҳо оид ба таъминкунӣ бо нерӯи барқ иборат аст.

Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсияро асарҳои олимони ҶТ, ФР ва давлатҳои дигар, ки ба масъалаҳои умумии танзими ҳуқуқии муносибатҳои граждании-ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини нерӯи барқ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Манбаи асосии таҳқиқот корҳои илмии муаллифони ватанию хориҷӣ дар бахши ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи энергетикӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ ба ҳисоб мераванд.

Таваҷҷуҳи олимони зиёд ба проблемаи танзими шартномавии таъмини барқ аз мубрам будани он шаҳодат медиҳад. Аммо мавзӯи мазкур ҳамчун самти мустақили таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми ҳуқуқшиносии ҶТ бори аввал дар шароити роҳандозӣ намуданиислоҳот дар бахши электроэнергетика ва дар ин иртибот анҷом додани такмили қонунгузорӣ оид ба ин бахши иқтисодиёти Тоҷикистон анҷом дода шуда, дар он як қатор муқаррарот, таклифу тавсияҳои нав ҷиҳати мукаммалгардонии минбаъдаи қонунгузорӣ оид ба механизми танзими ҳуқуқӣ, аз ҷумла механизми танзими шартномавии таъмини барқ, пешниҳод шудаанд. Диссертатсияи Мирзоев С.А. бо мақсади таҳлили масъалаҳои мазкур ба иҷро расидааст.

Муаллиф Конститутсияи ҶТ, Кодекси граждании ҶТ, Қонунҳои ҶТ «Дар бораи энергетика», «Дар бораи сарфаҷӯии энергия», Қоидаҳои истифодаи нерӯи барқ, Паёмҳои Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ ва дигар санадҳои қонунгузорӣ, санадҳои Суди иқтисодии шаҳри Душанбе, Судҳои ноҳияҳои Фирдавсӣ ва И. Сомонии шаҳри Душанберо барои

таҳқиқи амалияи мавҷуда ҳамчун заминаи меъёрии таҳқиқоти диссертатсионӣ истифода намудааст.

Сохтори диссертатсия вобаста ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот аз се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёти (маъхази) истифодашуда иборат мебошад. Нақшаи диссертатсия ба таври низомнок ва бо назардошти пайдарҳамии мантиқӣ омода шудааст.

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи он, мавзӯъ, объект, мақсад, вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия – «**Тавсифи умумии нерӯи барқ дар ҳуқуқи гражданӣ**» аз ду зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби якум – «**Нерӯи барқ ҳамчун ашё ва объекти ҳуқуқи гражданӣ**» ном дошта, муаллифи диссертатсия бо дарназардошти адабиёти илмӣ ва қонунгузории гражданӣ нерӯи барқ ва захираҳои энергетикиро ҳамчун неъматҳои моддие меҳисобад, ки оид ба онҳо муносибатҳои молу мулкӣ ба вуҷуд меоянд. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили фикру ақидаҳои олимон дар бораи мафҳум, моҳият ва аломатҳои ба он хос, муаллиф хулосаҳои дахлдор баровардааст.

Муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар қ. 3, м. 142 КГ ҶТ дар қатори ашёҳои манқула энергия (нерӯи барқ) ҳамчун ашёи беҷисм ворид карда шавад, зеро энергия ба сифати моли махсус дар қатори дигар молҳо мутобиқи шартнома фурӯхта мешавад ва ҳамчун неъмати муфид барои қонеъ намудани талаботи моддӣ ва маънавии инсон зарур аст.

Зербоби дуюми боби якум – «**Манбаъҳои танзими ҳуқуқии таъминкунӣ бо нерӯи барқ**» номгузорӣ шудааст.

Ба андешаи муаллиф то қабули КГ ҶТ меъёру муқарраароти Асосҳои қонунгузории гражданин ИҶШС ва Ҷумҳуриҳои иттифоқӣ татбиқ карда мешуданд. Моддаи 84 Асосҳои мазкур «Шартнома оиди таъмин бо

захираҳои энергетикӣ ва дигар захираҳо» номида шуда буд. Ин модда то 11 декабри соли 1999, яъне то қабули КГ ҶТ (Қисми ду) мавриди амал қарор дошт.

Муаллиф қайд менамояд, ки қабули КГ ҶТ марҳилаи сифатан нав дар такмили қонунгузорӣ оид ба таъмин намудан бо нерӯи барқ буд.

Муаллиф иброз медорад, ки дар қонунгузории граждании ҶТ вобаста ба шартномаи таъмини барқ баъзе норасоиҳо то ҳол ҷой доранд, ки зарур аст ҳалли худро тақозо намоянд. Масалан, ҷой доштани баъзе номувофиқии байни матнҳои тоҷикӣ ва русӣ дар КГ ҶТ. Аз ҷумла, дар матни тоҷикии м. 570 КГ ҶТ ба мӯҳлати номуайян баста шудани шартномаи таъмини барқ ишора шудааст, дар ҳоле ки дар матни русии ин модда чунин муқаррарот умуман вуҷуд надорад. Ба мақсади бартараф намудани чунин камбудии ҷиддӣ мувофиқ намудани матни русии м. 570 КГ ҶТ-ро пешниҳод кардааст.

Боби дуюми диссертатсия – «**Масоили ҳуқуқии шартномаи таъмини барқ**» аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби дуюм – «**Мафҳум ва табиати ҳуқуқии шартномаи таъмини барқ**» номгузорӣ шуда, ба андешаи муаллиф шартномаҳо дар бахши бо нерӯи барқ таъминкуниро ба сифати яке аз навъҳои шартномаи хариду фурӯш эътироф намудан мумкин аст ва ҳамзамон хусусиятҳои хоси танзими муносибатҳо оид ба расонидани нерӯи барқ ба муштариёнро таъкид мекунанд, ки боиси онҳо хусусиятҳои нерӯи барқ ҳамчун предмети шартнома мегардад. Муаллиф вобаста ба ҳолати зикршуда, ба чунин хулоса омада қайд менамояд, ки шартномаи таъмини барқ як намуди алоҳидаи шартномаи хариду фурӯш маҳсуб меёбад, ки дар қиёс бо дигар намудҳои шартномаи хариду фурӯш танзими хоси ҳуқуқиро тақозо менамояд.

Зербоби дуюми боби дуюм – «**Тарафҳо, тартиб ва шакли бастани шартномаи таъмини барқ**» номгузорӣ шуда, муаллиф қайд менамояд, ки мафҳумҳои ташкилоти таъминкунандаи барқ ва мизоҷ дар КГ ҶТ дода нашудааст. Мафҳуми ташкилоти таъминкунандаи барқ дар моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи энергетика» оварда шудааст. Мутобиқи он

ташкилоти таъминкунандаи барқ шахси ҳуқуқӣ ва ҳамчун субъекти монополияи табиӣ сарфи назар аз шакли моликияташ, ки ба як ё якчанд намуди фаъолият дар энергетика машғул аст, мебошад.

Муҳақиқ қайд мекунад, ки тибқи шартномаи таъмини барқ муштарӣ низ субъекти асосӣ ба шумор меравад. Қайд мегардад, ки то ба наздикӣ, таърифи «муштарӣ (истеъмолкунанда)» дар санадҳои меъёрӣ умуман вуҷуд надошт. Таърифи ин мафҳумҳо дар Қонуни ҶТ «Дар бораи энергетика» ифода шудааст. Моддаи 2 Қонуни мазкур истеъмолкунандаи нерӯи баркро ҳамчун як шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки намудҳои гуногуни захираҳои энергетикиро бидуни мақсади бозфурӯшӣ харидорӣ ва истифода мебарад, муайян намудааст (с. 59-61).

Сарфи назар аз саросар ҷой доштани муносибатҳои субмуштаригӣ, онҳо дар қонунгузорӣ амалан ҳаллу фасли худро наёфтаанд. Ба ин масъала танҳо м. 576 КГ ҶТ бахшида шудааст. Ба ақидаи муаллиф дар муносибатҳои субмуштаригӣ муштарӣ дар назди ташкилоти таъминоти энергия ҳамчун истеъмолкунандаи нерӯи барқ баромад мекунад, бинобар ин, барои аз тарафи муштарии фаръӣ иҷро накардан ё ғайридахлдор иҷро намудани уҳдадориҳо муштарӣ масъул мебошад. Ҳамин тариқ, муштарӣ дар назди муштарии фаръӣ ҳамчун субъекти таъминкунанда бо нерӯи барқ баромад мекунад.

Ба ақидаи муаллиф, муносибатҳои дар боло зикршудаи байни ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда, муштарӣ ва муштарии фаръӣ бояд дар шартномаи алоҳидаи байни онҳо басташуда муайян шаванд.

Азбаски шакли бастани шартномаи таъмини барқ дар қонунгузории граждании ҶТ муайян карда нашудааст, муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар қисми 2 КГ ҶТ шабеҳи шартномаҳои хариду фурӯши ашёҳои ғайриманқул, корхона, тухфа, иҷора, пудрат ва ғайра, шакли хаттии оддии бастани он муқаррар карда шавад.

Зербоби сеюми боби дуюм – «**Мазмуни шартномаи таъмини барқ**» номгузорӣ шудааст.

Муаллиф махсусияти мавзӯи шартномаи таъмини баркро дар фарқият аз мавзӯи дигар шартномаҳои хариду фурӯш чунин арзёбӣ

мекунад: а) таҳвили мол ба истеъмолкунанда бо роҳи интиқоли энергия тавассути шабакаи пайвастшуда ба дастгоҳи барқии ин истеъмолкунанда сурат мегирад; б) ба зимаи муштарӣ вазифаҳои иловагӣ баҳри таъмини риояи речаи истифодаи нерӯи барқ, бехатарии истифодаи шабакаҳои дар ихтиёраш қарордошта, бекамукостии лавозимот ва таҷҳизоти дахлдори алоқаманд бо истифодаи чунин маҳсулоти махсус, ҳамчун энергия, гузошта мешавад; в) ба ташкилоти таъминкунандаи энергия дар ҷодаи назорати ҳолати техникии дастгоҳи энергетикӣ, лавозимоту таҷҳизоти муштарӣ, ҳуқуқҳои иловагӣ дода мешавад; г) нерӯи барқро ба мисли дигар ашё дар анборҳо нигоҳ доштан, ба миқдори зиёд, аз ҷумла дар аккумуляторҳо ҷамъ намудан, ғайриимкон аст; д) энергияро ба мисли дигар ашёҳо дида ва ламс намудан ғайриимкон мебошад (с. 73-74).

Муаллифи диссертатсия ба шартҳои муҳими шартномаи таъмини барқ рӯй оварда онҳоро муфассал таҳлил кардааст.

Боби сеюми диссертатсия – «**Ҷавобгарии граждании барои вайрон кардани шартҳои шартномаи таъмини барқ**» аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми боби сеюм – «**Асос ва шартҳои ҷавобгарии граждании барои вайрон кардани шартҳои шартномаи таъмини барқ**» муаллифи диссертатсия чунин қайд мекунад, ки асосҳо ва шартҳо гарчанде мафҳумҳои ба ҳам монанд бошанд ҳам, лекин якдигарро иваз намекунанд. Аз ин рӯ, ба сифати асоси ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ воқеияти ҳуқуқие, ки муносибатҳои муайяни ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад, тағйир медиҳад ё қатъ мегардонад, баромад мекунад, шартҳо бошанд, он аломатҳое ҳастанд, ки умуман ин факт ё паҳлуҳои алоҳидаи онро тавсиф мекунанд.

Ба андешаи муаллиф асоси ҳама гуна ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи таъминкунӣ бо нерӯи барқро ҳуқуқвайронкунӣ, ки факти ҳуқуқӣ мебошад, ташкил медиҳад.

Қайд мегардад, ки аз ҳам ҷудо кардани мафҳумҳои «асос» ва «шартҳои» ҷавобгарии ҳуқуқӣ-гражданӣ зарурати бебаҳс аст. Асос он чизест, ки боиси ягон падида мегардад, таҳкурсиест, ки ин падида ба он такя мекунад ва табиати онро муайян месозад, шартҳо бошанд,

нишонаҳое ҳастанд, ки асосро тавсиф намуда, бидуни онҳо ин падида ба вуҷуд намеояд (с. 95).

Дар робита ба гунаҳгории ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда, муаллиф ба якчанд нуқта таваҷҷуҳ намудааст:

1. Маҳдудияти муваққатӣ ва ночизи интиқоли нерӯи барқ ба истеъмолкунандагон, ҳангоми поин рафтани захираҳои обии нерӯгоҳҳои барқии гидравликӣ, ташкилотҳои таъминкунандаи энергия аз ҷавобгарии муқаррарнамудаи КГ ҶТ барои иҷро накардани уҳдадориҳои шартномавӣ, озод карда намешаванд;

2. Ташкилоти таъминкунандаи энергия, ки ба танаффуси интиқоли энергия бе огоҳонии дахлдор роҳ дода аст, уҳдадор мебошад, зарари ба истеъмолкунанда дар натиҷаи ин амалҳо расонидаашро талофӣ намояд, агар танаффус бо зарурати андешидани тадбирҳои фаврӣ баҳри пешгирӣ ё бартараф намудани садама дар системаи энергетикии ташкилоти таъминкунандаи энергия алоқаманд набошад;

3. Танаффусе, ки дар интиқол ё маҳдуд намудани интиқоли барқ бинобар садамаҳои техникӣ дар шабакаҳо ё дар таҷҳизоту дастгоҳҳои ташкилоти таъминкунанда бо энергия, ки дар натиҷаи ҳолатҳои тибқи шартнома ё қоидаҳои таъмини энергия ба ҳолатҳои форс-мажор таaллуқманд набуда рӯй додаанд, барои ташкилоти таъминкунанда бо энергия уҳдадорӣ оид ба талофии зарари расидаро ба бор меоваранд, яъне дар ин ҳолат ҷавобгарии граждании-ҳуқуқӣ фаро мерасад.

Зербоби дуюми боби сеюм – «**Шаклҳои ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ барои вайрон кардани шартҳои шартномаи таъмини барқ**» – муаллиф қайд менамояд, ки мутобиқи қонунгузории ҷории ҶТ, шаклҳои асосии ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ барои вайрон кардани уҳдадориҳо ноустуворона ва талофии зиён ба шумор мераванд.

Қайд мегардад, ки барои ифода намудани талофоти молу мулкӣ, дар маъхази илмӣ ва амалияи судӣ аз истилоҳоти гуногун истифода мешавад, чунончӣ: осеб, зиён, зарар ва ғайра.

Ҳамин тавр, дар маъхази илмӣ-назариявӣ ва таълимӣ фаҳмиши ягонаи мафҳуми «зиён» ҷой надорад. Бархе аз муаллифон онро бо

мафҳуми «осеб» мушобеҳ медонанд. Гурӯҳи дигари муаллифон мафҳуми зиёнро ҳамчун ифодаи пулии осеб меҳисобанд. Гурӯҳи сеюми муаллифон бошад, зиёнро мафҳуми мустақил арзёбӣ намуда, ба воситаи категорияи осеб муайян намудани онро барғалат меҳисобанд.

Муаллиф низ ҷонибдори зарурати фарқ намудани мафҳуми зиён аз категорияҳои «осеб» ва «зарар» мебошад. Осеб чунин мафҳумест, ки истифодаи он нисбати объектҳои ҳуқуқи граждании дар асосҳои қонунӣ ба субъектҳои ҳуқуқи гражданӣ таалуқдошта роиҷ аст, мафҳуми зиён бошад, мафҳумест, ки истифодаи он нисбати на чунин объектҳо, балки нисбати субъектҳое, ки дар асосҳои қонунӣ ин объектҳоро доро буда, аз онҳо истифода мебаранд ва онҳоро ихтиёрдорӣ менамоянд, бамаврид аст.

Дар баробари руёнидани ноустуворона ва товони зиён, дигар чораҳои ҳуқуқӣ низ мавҷуданд, ки барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо аз рӯи шартномаи таъмини барқ татбиқ шуданашон мумкин аст, чунончӣ, маҳдуд ё қатъ намудани интиқоли нерӯи барқ ба муштарӣ ва даст кашидани муштарӣ аз пардохти арзиши нерӯи барқи бесифати ба ӯ интиқолдодашуда, ба онҳо муаллиф таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Чунин чораҳоро, чораҳои таъсиррасонии оперативӣ (фаврӣ) меноманд, ки оид ба табиати ҳуқуқӣ ва хусусиятҳояшон андешаҳои гуногун иброз шудаанд.

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқӣ зербоби мазкур якчанд нуқтаҳоро вобаста ба чораҳои таъсиррасонии фаврӣ қайд кардааст. Якум, чораҳои таъсиррасонии фаврӣ, ба чораҳои таъсиррасонии умумӣ-ҳуқуқӣ ва хусусӣ-ҳуқуқӣ (гражданӣ-ҳуқуқӣ) ҷудо мешаванд. Дуюм, чораҳои таъсиррасонии гражданӣ-ҳуқуқӣ дар доираи уҳдадориҳои гражданӣ - ҳуқуқӣ, бахусус дар доираи уҳдадориҳои шартномавӣ татбиқ мешаванд. Сеюм, чораҳои таъсиррасонии гражданӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун муҷозоти гражданӣ-ҳуқуқӣ маҳсуб меёбанд. Чорум, онҳо бинобар иҷро накардан ё ба таври ғайридахлдор иҷро намудани уҳдадориҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ татбиқ мешаванд. Панҷум, барои тарафи уҳдадориро иҷро накарда ё ба таври ғайридахлдор иҷрокарда оқибатҳои номусоидро ба вуҷуд меоранд.

Шашум, чораҳои таъсиррасонии фаврии гражданӣ-ҳуқуқӣ як шакли алоҳидаи ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ ба шумор меравconfigуанд (с. 130).

Дар **хулоса** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ифода ёфта, ҷанбаҳои назариявӣ бозгӯӣ шудаанд ва аз тарафи муаллифи диссертатсия як қатор пешниҳодҳо бобати такмили қонунгузорӣ иброз ёфтаанд. Дар номгӯи сарчашмаҳои истифодашуда рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва асарҳои илмӣ оварда шудааст.

Муаллиф дар диссертатсия ақидаҳои илмии худро дар 8 банд бо таври илман асоснок барои ҳимоя манзур кардааст. Дар банди 9-ум тавсияҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ (хусусан зербоби 5, боби 29 КГ ҶТ ва моддаҳои 142, 569) пешниҳод кардааст.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон омода ва муҳокима шудааст. Инчунин диссертатсияи мазкур дар кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) муҳокима гардида барои ҳимоя тавсия дода шудааст. Хулосаҳо, муқарраротва таклифу тавсияҳои асосии дар таҳқиқот пешниҳодшуда, дар мақолаҳои ба чопрасидаи муаллиф ва як қатор конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмӣ – назариявӣ инъикос ва баён шудаанд. Муаллиф ҷиҳати такмили моддаҳои 140, 570 ва 579 КГ ҶТ ба Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ тавсияҳои мушаххасро дар шакли хаттӣ (мактуб аз 19 апрели соли 2017, №120/16) ирсол намудааст. Аз рӯи мавзӯи диссертатсия, муаллиф 23 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати илм ва таҳсилоти олии ФР ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тавсиядиҳанда ба табъ расондааст.

Мирзоев С.А. дар асоси таҳлили амиқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, амалияи судӣ, монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, мақолаҳо, диссертатсия ва авторефератҳо мавзӯи диссертатсиониро ҳаматарафа ва пурра матраҳ сохта, пешниҳодҳои худро дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ барои бартараф намудани мушкилоти танзими шартномавии таъмини барқ дар ҶТ пешкаш намудааст.

Мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда аз ҷониби муаллиф иҷро шудаанд. Диссертатсия ба талаботи навгонии илмӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар мақолаҳои чопнамудаи муаллиф муҳтавои асосӣ ва пешниҳодҳои муаллиф дарҷ шудаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти анҷомдодаи Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович дар мавзӯи «Танзими шартномавии таъмини барқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждfestivalӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,**
**молиявӣ ва зиддикоррупсионии**
**факултети менеҷмент ва ҳуқуқи**
**молияи Донишгоҳи давлатии**
**молия ва иқтисоди Тоҷикистон,**
**Арбоби илм ва техникаи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Исмаилов Ш.М.**

**Имзои Ш.М. Исмаиловро**
**тасдиқ мекунам.**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии молия**
**ва иқтисоди Тоҷикистон** **Раҷабов Б.С.**

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ